# ПРЕСС – РЕЛИЗ

*оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017*

Фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо ба иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016, №531 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ва вазифаҳо барои соли 2017» ва дигар қарору супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар, густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷа, таҳлили соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, дарёфти роҳҳои муосири пешгирии таъсири омилҳои манфии беруна ва таъмини тамоюли мусбати рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ нигаронида шуда буд.

Дар соли ҳисоботӣ вазорат дар самтҳои таҳлил ва дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, танзими савдои хориҷӣ ва дохилӣ, мониторинги барномаҳо ва рушди минтақаҳо, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, тақвияти фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, танзими моликияти зеҳнӣ ва ихтироъкорӣ як қатор корҳоро иҷро намуд.

Соли 2017 аз ҷониби вазорат 58 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод карда шудааст, ки аз онҳо 22 лоиҳа қабул гардида, 17 лоиҳа дар баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 19 лоиҳа дар баррасии вазорату идораҳои дахлдор қарор доранд.

Ҳамзамон, дар ин давра 115 фармоиши Вазорат оид ба фаъолияти асосӣ, аз ҷумла 17 фармоиши назоратӣ вобаста ба таъмини иҷрои саривақтии қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардиданд, ки рафти иҷрои онҳо дар таҳти назорати доимии роҳбарият қарор дошт.

Дар ин давра, ба Вазорат 15386 адад ҳуҷҷат ворид гардида, зиёда аз 6 ҳазор ҳуҷҷат, аз ҷумла маводи таҳлилӣ ва таклифу пешниҳод ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосаҳои расмӣ ба лоиҳаҳои қонуну қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, мактубҳои ҷавобӣ ба вазорату идораҳои дахлдор ва муроҷиати шаҳрвандон ирсол карда шуд.

Бо назардошти омӯзиши иқтидорҳои мавҷуда ва банақшагирифта дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ аз ҷониби вазорат лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии

макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020» таҳия шуд, ки бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Дар ин давра дар доираи фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав таҳия гардид, ки дар баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ 6 ҷаласаи зинаи дуюм ва як ҷаласаи зинаи якуми Гурӯҳи кории байниидоравии доимоамалкунандаи зиддибуҳронӣ баргузор карда шуда, дар доираи фаъолияти он вазъи як қатор соҳаҳои иқтисоди миллӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифта, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумоти дахлдор манзур гардидааст.

Ҳамзамон, ҷиҳати натиҷагирӣ ва бартараф намудани мушкилиҳо вобаста ба татбиқи барномаҳои давлатии соҳавию минтақавӣ соли ҳисоботӣ дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо мониторинг ва арзёбии 22 барномаҳо амалӣ гардида, аз натиҷаи он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Соли 2017 бо мақсади ҳамгироии бештар ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ бо кишварҳои хориҷӣ 16 комиссияи муштараки байниҳукуматии иқтисодии Тоҷикистон баргузор гардидаанд.

Дар соли ҳисоботӣ, як қатор ҳамоишҳо ва конфронсҳо *(*ҷаласаи 16-умин Конфронси вазирони Барномаи ҳамкориҳои минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ, ҷаласаи Барномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба иқтисодиёти Осиёи марказӣ(СПЕКА), Анҷумани байналмилалии иқтисодии «Данғара-2017» ва ғайра*)* баргузор гардид.

Вазорат ҷиҳати иҷрои муқаррароти протоколи дахлдори Комиссияи доимоамалкунанда оид ба таҳкими истеҳсолоти воридотивазкунанда ва рушди содирот мониторинги иҷрои бандҳои онро гузаронида, ҳармоҳа ба Раиси Комиссия-Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намуд. Илова бар ин, вазорат барои баргузор намудани ҷаласаи навбатии Комиссияи доимоамалкунанда оид ба таҳкими истеҳсолоти воридотивазкунанда ва рушди содирот маълумоти заруриро таҳия ва ба Раиси Комиссия манзур кард.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ таҳти назорати доимии роҳбарияти вазорат қарор дошта, ҷиҳати рушди онҳо мунтазам чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Бо мақсади вусъати корҳо ва бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ дар соли 2017 ду маротиба ҷаласаи Шӯрои нозирон оид ба масъалаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ баргузор карда шуда, қарори дахлдор вобаста ба масъалаҳои ҳалталаб қабул гардид.

Моҳи июли соли 2017 дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон дар мавзӯи «Имкониятҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон ва Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» бо иштироки сармоягузорони Ҷумҳурии Корея ва Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар баргузор намуд.

Дар соли 2017 минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ба маблағи 368,3 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, аз ҷумла «Суғд» 332,6 млн. сомонӣ, «Данғара» 35 млн. сомонӣ ва «Панҷ» 700 ҳазор сомонӣ. Соли 2017 11 субъекти нав дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба қайд гирифта шуда, дар маҷмӯъ 71 субъект фаъолият мекунанд.

Дар соли ҳисоботӣ ҷиҳати идомаи ҳамкорӣ бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд. Дар давоми соли 2017 вазорат бо мақсади иҷрои қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 ҷаласаи Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба расмиёти савдоро бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ баргузор намуд.

Намояндаҳои вазорат моҳи феврали соли 2017 дар шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария дар ҷаласаи навбатии Кумита оид ба Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо оид ба хариди давлатӣ барои кишварҳои аъзо ва нозир иштирок намуда, бо намояндагони кишварҳои аъзои Созишномаи СУС оид ба хариди давлатӣ гуфтушунидҳои дуҷониба дар робита ба пешниҳодҳои ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузарониданд.

Ҳамчунин, вазорат дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо» бо мақсади ба танзим даровардани низоми назорати бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, таъмини афзалиятҳои узвият дар СУС барои соҳибкорон ва дар маҷмӯъ тезонидани равандиислоҳот дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ»-ро таҳия намуд.

Дар самти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридот ивазкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи дастгирии содирот ва баланд бардоштани қобилияти рақобат» таҳия гардид, ки айни замон дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад.

Ҳамзамон, дар ин давра бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти корҳо дар самти ҳамкориҳо бо СУС аз ҷониби вазорат лоиҳаи як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид, ки айни замон дар баррасии мақомоти дахлдор қарор дорад.

Инчунин, вазорат дар соли 2017 ду ҷаласаи Гурӯҳи кории техникӣ вобаста ба пешбурди масъалаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудани он ба талаботи Созишнома оид ба содагардонии расмиёти савдоро баргузор намуд.

Таҳлили сохтории маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар давраи ҳисоботӣ нишон дод, ки дар таъмини рушди ММД саҳми соҳаи саноат хеле назаррас буда, тибқи ҳисобҳо аз ҳаҷми умумии рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 3,2 банди фоизии он ё 45 фоизи нишондиҳандаи мазкур ба ин соҳа рост меояд. Ин асосан аз ҳисоби назаррас баланд будани суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба вуқӯъ омадааст.

Дар рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ саҳми дигар соҳаҳои иқтисод, аз ҷумла кишоварзӣ 1,4 банди фоизӣ, сохтмон 0,4 банди фоизӣ, савдои чакана 0,9 банди фоизӣ, хизматрасонии пулакӣ 0,5 банди фоизӣ ва андозҳо 0,7 банди фоизиро ташкил додаанд.

Ҳиссаи истеҳсоли молҳо дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 47,4 фоиз, хизматрасониҳо 41,8 фоиз ва андозҳо ба 10,8 фоиз баробар гардид.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2017 ба 20,0 млрд. сомонӣ расида, аз ҷумла дар соҳаи саноати истихроҷ истеҳсоли маҳсулот ба 4,5 млрд. сомонӣ, соҳаи саноати коркард ба 11,7 млрд. сомонӣ, истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ, гармӣ ва обтаъминкунӣ ба 3,7 млрд. сомонӣ баробар гардид.

Дар соли ҳисоботӣ дар сохтори маҳсулоти умумии соҳаи саноати ҷумҳурӣ ҳиссаи саноати истихроҷ 22,6 фоиз, саноати коркард 58,8 фоиз, истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ, гармӣ ва об таъминкунӣ 18,6 фоизро ташкил намуд.

Истеҳсоли нерӯи барқ дар соли 2017 18,1 млрд. кВт. соатро ташкил карда, нисбат ба соли гузашта 5,3 фоиз афзоиш ёфт.

Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ дар соли 2017 аз рӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 24,6 млрд. сомониро ташкил намуда, рушди воқеии он дар сатҳи 6,8 фоиз таъмин гардид. Аз ҷумла, соҳаи растанипарварӣ ба

16,9 млрд. сомонӣ ва соҳаи чорводорӣ 7,6 млрд. сомонӣ ва суръати афзоиши онҳо мутаносибан ба 7,4 фоиз ва 5,6 фоиз баробар гардидааст.

Дар соли 2017 тавассути ҳама намуди нақлиёт ҳаҷми боркашонӣ 75,5 млн. тонна, гардиши бор 6083,3 млн. тонна/км, мусофирбарӣ 591,2 млн. мусофир ва гардиши мусофир 9342,5 млн. мусофир/км-ро ташкил намуд. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо дар маҷмӯъ нисбат ба соли 2016 тамоюли болоравӣ дошта, ҳаҷми боркашонӣ 5,4 фоиз, гардиши бор 3,4 фоиз, мусофирбарӣ 2,9 фоиз ва гардиши мусофирон 1,0 фоиз зиёд шудааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2018 дар ҷумҳурӣ 68 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 24,9 млрд. сомонӣ мавриди амал қарор дорад.

Дар ин давра ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 11208,5 млн.сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли гузашта 4,1 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии маблағҳои асосии азхудкардашуда 4983,0 млн. сомонӣ ё 44,5 фоиз маблағгузориҳои давлатӣ, 4460,5 млн. сомонӣ ё 39,8 фоиз сармояҳои хориҷӣ ва 1764,9 млн. сомонӣ ё 15,7 фоизро дигар сарчашмаҳо (саҳмиягузорон, аҳолӣ, хоҷагиҳои фермерӣ, ширкатҳо) ташкил намуданд.

Дар соли 2017 гардиши савдои хориҷӣ 3973,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли гузашта 1,1 фоиз ё 43,2 млн. доллар афзоиш ёфтааст. Дар ин давра содироти мол ба 1198,1 млн. доллар баробар гардид, ки нисбат ба соли 2016 33,3 фоиз зиёд шудааст. Воридоти мол бошад ба 2775,0 млн. доллар баробар шуда, нисбат ба соли гузашта 8,5 фоиз коҳиш ёфтааст. Дар сохтори гардиши савдои хориҷӣ ҳиссаи содирот аз 20 фоизи соли 2015-ум то 30,2 фоиз дар соли 2017 афзоиш ва ҳиссаи воридот аз 80 фоиз то 69,8 фоиз коҳиш ёфт.

Гардиши савдои чакана, таъмири автомобилҳо ва молҳои маишӣ дар соли ҳисоботӣ 18934,1 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 6,6 фоиз афзудааст.

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолии ҷумҳурӣ дар ин давра 10799,1 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 1,8 фоиз зиёд шудааст.

Дар соли 2017 сатҳи таваррум 6,7 фоизро ташкил дод, ки он асосан аз ҳисоби болоравии нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ 7,5 фоиз, маҳсулоти ғайриозуқа 4,4 фоиз ва тарофаҳои хизматрасонӣ 7,7 фоиз ба миён омадааст.